Тасдиқ шуд:
аз тарафи Саҳмдори ягонаи
ЧСП ТАҚХ"Шукр Молия"
Қарори №01
аз 03 майи 2023 сол
______________Аброров А.А.

# ОИННОМАИ

## Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Ташкилоти амонатии қарзии хурди *"Шукр Молия"*

ш. Душанбе - 2023с.

# 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Ташкилоти амонатии қарзии хурди “Шукр Молия”, ки минбаъд “Ҷамъият“ номида мешавад, муассисаи тиҷоратӣ маҳсуб ёфта, бо қарори муассис ва саҳмдори ягонаи он, ки дар оянда “Саҳмдор“ муаррифӣ хоҳад шуд, аз 12 сентябри соли 2022 Қарори № 01 ба мақсади рушди бахшидани фаъолияти маблағгузории хурд ва ба даст овардани фоида, мутобиқи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ“ ва “Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд” таъсис дода шудааст.

1.2. Ҷамъият тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди аз қайди давлатӣ гузаштанаш мақоми шахси ҳуқуқиро пайдо мекунад.

1.3. Ҷамъият фаъолияти хешро бе маҳдудияти мӯҳлат ба роҳ мемонад.

1.4. **Номи пурраи Ҷамъият:**
- Ба забони тоҷикӣ: Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Ташкилоти амонатии қарзии хурди “Шукр Молия“;
- Ба забони русӣ: Закрытое акционерное общество Микрокредитная депозитная организация “Шукр Молия“;
- Ба забони англисӣ: Closed Joint-Stock Company Microcredit deposit organization “Shukr Moliya“.

**Шакли ихтисоршудаи номи Ҷамъият:**
- Ба забони тоҷикӣ: ҶСП ТАҚХ “Шукр Молия“;
- Ба забони русӣ: ЗАО МДО “Шукр Молия“;
- Ба забони англисӣ: CJSC MDO “Shukr Moliya“;

1.5. Суроғаи ҳуқуқӣ ва нишонии Ҷамъият: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи И.Сомонӣ, хиёбони Рӯдакӣ, хонаи №158

1.6. Ҷамъият соҳиби мӯҳри доирашакли фирмавӣ бо навиштаҷоти пурраи унвонии хеш бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ва зикри шакли ташкилию ҳуқуқии худ буда, инчунин тамға, варақа (бланки) фирмавӣ ва дигар ҷузъиёти зоҳирие, ки бевосита онро муаррифӣ месозад, мебошад.

1.7. Муассис (саҳмдори) Ҷамъият – Аброров Акобир Алоевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, дорандаи шиносномаи №A00751809, ки аз тарафи ШВКД-1 дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе дар санаи 10.01.2017 сол дода шудааст, мешавад.

1.8. Ҷамъият муассисаи тиҷоратӣ ба шумор меравад. Ҷамъият ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил буда, дар пешбурди фаъолияти хеш ба қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла қонунгузорӣ дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур такя мекунад.

Фаъолияти оинномавии хешро Ҷамъият танҳо баъди ба даст овардани иҷозатнома (литсензия), ки онро Бонки миллии Тоҷикистон дар асоси Қонуни

Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд" инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон медиҳад, ба роҳ мемонад.

1.9. Ҷамъият соҳибмулк, истифодабаранда ва ихтиёрдори молу мулк ва фоидаи тибқи мақсаду вазифаҳои худ ба даст овардааш мебошад.

1.10. Ҷамъият тибқи ӯҳдадориҳои ба зиммааш вогузошташуда, бо тамоми моликияташ ҷавобгӯ буда, метавонад аз номи худ ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкӣ ба даст орад ва онҳоро амалӣ намояд, дар Суд ба ҳайси даъвогар ва ҷавобгар баромад намояд.

1.11. Ҷамъият аз рӯи ӯҳдадориҳои худ бо тамоми молу мулки марбутааш ҷавобгар мебошад.
Ҷамъият аз рӯи ӯҳдадориҳои саҳмдори худ ҷавобгар намебошад.
Саҳмдороне, ки арзиши саҳмияҳоро пурра напардохтаанд, дар доираи ӯҳдадориҳои Ҷамъият оид ба арзиши пардохтнашудаи саҳмияҳояшон дорои масъулияти муштарак мебошанд.
Агар муфлисии Ҷамъият натиҷаи амал ё беамалии саҳмдорони он ё дигар шахси бонуфузи он бошад, ҳангоми нокифоягии молу мулки Ҷамъият масъулияти иловагӣ (субсидиарӣ) ба зиммаи ҳамин саҳмдори бонуфуз ё дигар шахсон аз рӯи ӯҳдадориҳои он мумкин аст гузошта шавад.

1.12. Ҷамъият аз рӯи ӯҳдадориҳои давлат ва мақомоти он ҷавобгӯ нест. Давлат аз рӯи ӯҳдадориҳои Ҷамъият ҷавобгар намебошад, ба ғайри ҳолатҳое, ки давлат худ дар ин маврид ӯҳдадорӣ қабул карда бошад. Ҷамъият дар қабули қарору дастуроти худ аз мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ мустақил аст.
Ҷамъият аз рӯи ӯҳдадориҳои Бонки миллии Тоҷикистон ҷавобгӯ нест. Бонки миллии Тоҷикистон аз рӯи ӯҳдадориҳои Ҷамъият ҷавобгар нест, ба истиснои он ӯҳдадориҳое, ки Бонки миллии Тоҷикистон ба дӯши худ гирифтааст.

1.13. Ҷамъият ҳуқуқ дорад мустақилона ва ё дар якҷоягӣ бо дигар шахсони ҳуқуқию воқеӣ, дар дигар муассисаҳои тиҷоратию ғайритиҷоратӣ, дар қаламрави Тоҷикистон тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон иштирок намояд.

1.14. Ҷамъият дар доираи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи таъсис додани филиалҳо, марказҳои хизматрасонии маблағгузории хурд ва ташкил намудани намояндагии хешро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дорад.

1.15. Забонҳои расмие, ки дар фаъолияти Ҷамъият ба кор бурда мешаванд, забонҳои тоҷикӣ ва русӣ буда, тамоми мукотибот, ҳисобот ва қолабҳои дар Ҷамъият истифодашаванда, суратмаҷлисҳо ва инчунин коргузорӣ ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба роҳ монда мешавад.

1.16. Оинномаи мазкур санади таъсисии Ҷамъият мебошад. Риояи талаботҳои Оинномаи мазкур барои иҷроиш аз ҷониби Саҳмдори Ҷамъият, тамоми мақомот ва кормандони Ҷамъият ҳатмист.

## 2. МАҚСАД ВА НАМУДҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ҶАМЪИЯТ. АМАЛИЁТИ БОНКӢ

2.1. Мақсади асосии фаъолияти Ҷамъият ба даст овардани фоида аз гузаронидани амалиётҳои бонкӣ мебошад. Амалиёти бонкӣ тавассути иҷозатномаи (литсензияи) Бонки миллии Тоҷикистон, ки мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад, амалӣ хоҳанд шуд.

2.2. Ҷамъият ҳуқуқи ба роҳ мондани фаъолияти зайл - гузаронидани амалиёти зерини бонкиро дорад:

- ҷалби амонат ва пасандозҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;
- додани қарзи хурд (бо таъмин ва бе таъмин);
- кушодану пешбурди суратҳисобҳои бонкӣ;
- интиқоли маблағҳои пулӣ бо фармоиши муштариён;
- додани кафолат;
- қарордодҳои форвардӣ ва своп барои худ;
- амалиёти кассавӣ;
- амалиёти ҳисоббаробаркунӣ ва мубодилавӣ;
- бароришии кортҳои пардохтии бонкӣ ва амалиёт бо онҳо.

## 3. САРМОЯИ ОИННОМАВИИ ҶАМЪИЯТ

3.1. Сармояи оинномавии Ҷамъият ба маблағи 15 000 000 (понздаҳ миллион) сомонӣ ташаккул дода шудааст. Сармояи оинномавии Ҷамъият ба пурраги аз ҷониби Саҳмдор пардохт карда шуда, мутаносибан 100%-и саҳмияҳое, ки сармояи оинномавии Ҷамъиятро ташкил медиҳанд, ба Саҳмдор мансуб мебошанд.

Сармояи оинномавии Ҷамъият ба маблағи 15 000 000 (понздаҳ миллион) сомонӣ ташкил карда шудааст, ки дар санаи қабул ва таъсис додани Ҷамъият аз тарафи муассис (саҳмдори) он қабул карда шудааст, ки он ба 150 (яксаду панҷоҳ) саҳмияҳои оддии номии арзиши номиналии ҳар кадом баробар ба 100 000 (сад ҳазор) сомонӣ, иборат мебошад. Сармояи оинномавии Ҷамъият ба пурраги аз ҷониби Саҳмдор пардохт карда шуда, мутаносибан 100%-и саҳмияҳое, ки сармояи оинномавии Ҷамъиятро ташкил медиҳанд, ба Саҳмдор мансуб мебошанд.

Сармояи оинномавии Ҷамъият ҳадди ақали моликияти амволи Ҷамъиятро муайян месозад, ки он манфиатҳои кредиторони Ҷамъиятро кафолат медиҳад.

3.2. Дар лаҳзаи бақайдгирии давлатии Ҷамъият сармояи оинномавии он бояд дар ҳаҷми на кам аз 50 (панҷоҳ) фоиз аз тарафи Саҳмдор пардохт карда шавад.

Дар лаҳзаи аз тарафи Ҷамъият додани ариза ба Бонки миллии Тоҷикистон барои гирифтани иҷозатнома сармояи оинномавии Ҷамъият бояд ба пурраги пардохт шавад.

Ба мақсади пардохти маблағи сармояи оинномавӣ Ҷамъият дар назди Бонки миллии Тоҷикистон суратҳисоби махсуси пасандозӣ мекушояд. Маблағи дар суратҳисоби махсуси пасандозӣ қарордошта баъди гирифтани иҷозатнома ба суратҳисоби муросилотии Ҷамъият, ки дар назди Бонки миллии Тоҷикистон кушода мешавад, ирсол хоҳад шуд.

3.3. Барои ташкили сармояи оинномавии Ҷамъият истифодаи воситаҳои асосӣ ва активҳои ғайримоддӣ дар ҳадди аққали муайяншуда мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мумкин аст.

3.4. Ҳаҷми сармояи оинномавии Ҷамъият метавонад бо роҳи афзоиши арзиши номиналии саҳмияҳо ё интишори иловагии онҳо зиёд карда шавад. Қарор дар бораи зиёд кардани сармояи оинномавии Ҷамъият аз ҷониби Саҳмдори Ҷамъият қабул карда мешавад.

3.5. Ҳалли масъалаи марбут ба зиёд намудани сармояи оинномавии Ҷамъият бо роҳи зиёд намудани арзиши номиналии саҳмияҳо ё интишори иловагии саҳмияҳо аз тарафи Саҳмдори Ҷамъият ҳамзамон бо ҳалли масъалаи ворид сохтани тағйиротҳои дахлдор ба Оинномаи Ҷамъият, ки бояд тибқи тартиби муқарраркардаи қонунгузорӣ аз қайди давлатӣ гузаронида шавад, сурат мегирад.

3.6. Зиёд кардани сармояи оинномавии Ҷамъият танҳо баъди пардохти пурраи он имконпазир аст. Зиёд намудани сармояи оинномавии Ҷамъият барои ҷуброни зарари Ҷамъият манъ аст.

3.7. Ҳаҷми сармояи оинномавӣ метавонад то ҳадди аққал, бо роҳи паст намудани арзиши номиналии саҳмияҳо ё кам намудани шумораи онҳо, ё ки бо роҳи харидорӣ намудани қисме аз саҳмияҳо дар мавридҳои бо қонунгузорӣ пешбинишуда кам карда шавад.

Ҷамъият дар давоми 30 рӯзи қабул гардидани қарори кам кардани сармояи оинномавии худ вазифадор аст ба таври хаттӣ кредиторонашро дар хусуси кам кардани сармояи оинномавии Ҷамъият ва ҳаҷми нави он огоҳ созад, инчунин дар нашрияҳои барои чопи маълумот дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ таъингардида дар хусуси қарори қабулшуда маълумот дарҷ намояд.

Саҳмдор ё мақомоти ваколатдори Ҷамъият оид ба кам кардани сармояи оинномавии Ҷамъият баъд аз қабули қарор дар бораи чунин камшавӣ бо тартиби муқарраршуда ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ барои ворид намудани маълумот ба Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ариза пешниҳод менамояд.

Ҳангоми огоҳ нанамудани кредиторони Ҷамъият дар хусуси қабули қарор кредиторон ҳуқуқ доранд ба таври хаттӣ қатъи пеш аз мӯҳлат ё иҷрои ӯҳдадориҳои дахлдори Ҷамъият ва товони зарарро талаб кунанд.

3.8. Агар баъди анҷоми соли дуввум ва солҳои минбаъдаи молиявӣ ва тибқи тавозуни муҳосибавии солонаи барои тасдиқи Саҳмдори Ҷамъият пешбинишуда ва ё дар натиҷаи тафтиши аудиторӣ муқаррар гардад, ки арзиши дороиҳои софи Ҷамъият аз сармояи оинномавии он кам мебошанд, дар ин

ҳолат Ҷамъият кам намудани ҳаҷми сармояи оинномавӣ то ба ҳадди аз арзиши активҳои сафаш зиёднабударо эълом менамояд. Дар ин ҳолат кам гардидани сармояи оинномавии Ҷамъият ба тариқи паст кардани арзиши номиналии саҳмияҳо сурат мегирад.

3.9. Агар кам намудани сармояи оинномавӣ ба он оварда расонад, ки ҳаҷми он аз ҳаҷми аққали аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон муқарраршуда ва дар лаҳзаи аз қайди давлатӣ гузаштани тағйиротҳои ба Оинннома воридшаванда амалкунанда, паст мегардад, Ҷамъият наметавонд ҳаҷми сармояи оинномавии худро кам намояд.

## 4. САҲМИЯҲОИ ҶАМЪИЯТ

4.1. Ҳамаи саҳмияҳои Ҷамъият оддии номии овоздиҳанда мебошанд. Мубодилаи саҳмияҳои оддӣ ба саҳмияҳои имтиёзнок ва коғазҳои дигари қимматнок манъ аст.

4.2. Саҳмияи оддии номии овоздиҳанда ба Саҳмдор ҳуқуқҳои зеринро медиҳад:

– ба гирифтани суд (диведендҳо);
– ба иштирок дар идоракунии Ҷамъият;
– ба қисми амволи Ҷамъият, ки баъди барҳамдиҳии он боқӣ мемонад.

4.3. Шакли барориши саҳмияҳо - ғайриҳуҷҷатӣ мебошад. Баъди ба пуррагӣ пардохт шудани арзиши ҳамаи саҳмияҳо ба Саҳмдор сертификати саҳмияҳо бо нишондоди шумора, намуд (шакл) ва арзиши номиналии саҳмияҳои аз ҷониби Саҳмдор харидашуда, ки он саҳми ӯро дар сармояи оинномавии Ҷамъият, ки мутобиқи саҳмияҳои харидашуда мебошад тасдиқ ва таҷассум менамояд, ва дигар маълумоти бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, дода мешавад.

## 5. ҲУҚУҚ ВА ӮҲДАДОРИҲОИ САҲМДОР

5.1. Саҳмдори Ҷамъият чунин ҳуқуқ дорад:

1) ба феҳрасти саҳмдорон дохил шавад;
2) қисми фоидаи суд (дивиденд аз сармоя) аз фаъолияти Ҷамъият ба даст омадаро соҳибӣ кунад;
3) баъди барҳамдиҳии Ҷамъият тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳиби қисми амволи он гардад;
4) дар ҳолати зиёд гардидани сармояи оинномавӣ бо роҳи баланд бардоштани арзиши номиналии саҳмияҳо беподош соҳиби саҳмия гардад;
5) дар навбати аввал соҳиби саҳмияҳои иловатан интишоркардаи Ҷамъият шавад;
6) бо риояи талаботи муқарраркадаи қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳмияҳои худро ё қисми онҳоро фурӯшад, ё ба шакли дигар ба моликияти ашхоси дигари ҳуқуқӣ ва воқеӣ диҳад;
7) тибқи тартиби муқарраркардаи қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур дар идоракунии Ҷамъият ширкат варзад;

8) дар бораи фаъолияти Ҷамъият иттилоъ гирад, аз ҷумла бо ҳуҷҷатҳои муҳосибавӣ ва дигар маълумот шинос гардад;
9) гузаронидани тафтиши фаъолияти молиявию хоҷагиии Ҷамъиятро аз тарафи комиссияи тафтишотӣ талаб намояд;
10) тафтиши аудитории Ҷамъиятро талаб намояд;
11) бекор шудани қарорҳои қабулнамудаи Шӯрои нозирони Ҷамъият ва Директори генералии Ҷамъиятро, дар сурати мухолифати онҳо ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вайрон гаштани ҳуқуқу манфиатҳои аз тарафи қонун ҳимояшавандаи Саҳмдор аз тариқи Суд талаб намояд.

5.2. Саҳмдор ӯҳдадориҳои зеринро дорад:
1) саривақт ва ба тартиби муайянгардида саҳмияҳои дар асоси Оинномаи Ҷамъият ва қарорхои Саҳмдори Ҷамъият ба ӯ мансуббударо харидорӣ кунад;
2) муқаррароти ҳуҷҷатҳои таъсисии Ҷамъият, аз ҷумла Оинномa ва дигар ҳуҷҷатҳоеро, ки фаъолияти Ҷамъиятро танзим менамояд, риоя кунад;
3) маълумотҳои махфиро оид ба фаъолияти Ҷамъият ошкор насозад;
4) ӯҳдадориҳои бо тартиби муайянгардида тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Саҳмдори Ҷамъият ба зиммааш вогузошташударо нисбати Ҷамъият иҷро намояд;
5) барои иҷрои мақсадҳои оинномавии Ҷамъият ба он мусоидат намояд;
6) аз амалҳое, ки ба фаъолияти Ҷамъият зарароваранд, худдорӣ намояд.

5.3. Саҳмдор аз рӯи ӯҳдадориҳои Ҷамъият дар доираи арзиши номиналии саҳмияҳои ба ӯ мансуббуда ҷавобгар аст.

## 6. ТАҲВИЛИ САҲМИЯҲО АЗ ТАРАФИ ҶАМЪИЯТ. БЕГОНАКУНИИ САҲМИЯҲО АЗ ҶОНИБИ САҲМДОР

6.1. Дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамъият метавонад амалҳои вобаста ба додугирифти ҳуқуқ ба саҳмияҳоро чӣ бевосита миёни Ҷамъият, Саҳмдор ва саҳмдорони нав ва чӣ бо ҷалби иштирокчиёни касбии бозори коғазҳои қимматнок содир намояд. Амалиёти вобаста ба бегонакунии саҳмияҳо ҳатман дар феҳрасти саҳмдорон бояд қайд шавад.

6.2. Саҳмдори Ҷамъият ба шарти риояи талаботи қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ҳуқуқ ба саҳмияҳои ба ӯ мансуббудаи Ҷамъиятро фурӯшад ва ё ба тариқи дигар бегона намояд.

6.3. Дар ҳолати қатъ ёфтани фаъолияти Саҳмдор ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои ӯ доир ба соҳибият ба саҳмияҳои Ҷамъият ба ворисони он мегузарад.

## 7. ФЕҲРАСТИ САҲМДОРОН ВА ТАРТИБИ БУРДАНИ ОН

7.1. Ҷамъият дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон на дертар аз як моҳи баъди аз бақайдгирии давлатӣ гузаштанаш бурдан ва маҳфуздории феҳрасти саҳмиядоронро таъмин менамояд.

Феҳрасти саҳмиядорон бояд маълумотҳои зеринро доро бошад: маълумот доир ба ҳар як шахси ба қайд гирифташуда (саҳмдор/ихтиёрдори номиналӣ), шумора ва намуди (шакли) саҳмияҳои ба номи ҳар як шахси ба қайд гирифташуда номнависшуда ва дигар маълумоти бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда.

7.2. Шахси дар феҳрасти саҳмдорони Ҷамъият ба қайдгирифташуда бояд саривақт дар тӯли 5 (панҷ) рӯз оид ба тағйиротҳо дар маълумотҳои худ хабар диҳад. Дар ҳолати аз тарафи Саҳмдор надодани иттилоот дар бораи чунин тағйирот: макони ҷойгиршавӣ ё зист ва дигар маълумот, Ҷамъият ба зарари ба ин муносибат ба Саҳмдор расидашуда ҷавобгар нест.

7.3. Бақайдгирии Саҳмдор бо роҳи сабти навиштаҷоти дахлдор дар феҳраст сурат мегирад.

7.4. Сабти навиштаҷот дар феҳраст бо талаби Саҳмдор ё ихтиёрдори номиналӣ на дертар аз 3 рӯз аз лаҳзаи пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои дахлдор амалӣ мешавад.

7.5. Ҷамъият тағйиротҳои лозимаро ба феҳрасти саҳмиядорон, ки гардиши саҳмияҳоро инъикос менамояд, бо шартҳои зерин ворид месозад:

1) гирифтани шартномаи хариду фурӯш, амр доир ба додани саҳмияҳо, ки аз тарафи Саҳмдор ё намояндаи вай (амр доир ба додани саҳмия инчунин метавонад аз ҷониби шахсе, ки ба ӯ саҳмияҳо дода мешаванд ва ё намояндаи он ба имзо расад) ё дигар ҳуҷҷатҳое, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон асос барои ворид сохтани тағйирот ба феҳраст мебошанд;
2) ҳангоме, ки миқдори саҳмияҳои дар амр доир ба додан нишон дода шудаанд, аз миқдори саҳмияҳое, ки дар суратҳисоби шахсе, ки ин амрро содир кардааст, зиёд намебошад;
3) ҳангоми тафтиши имзои шахси ба қайдгирифташуда;
4) агар бо чунин додугирифт махдудиятҳои марбут ба додугирифти саҳмияҳо, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур ё бо қарори эътибори қонунӣ пайдокардаи Суд муқаррар шудаанд, вайрон нашуда бошанд.

7.6. Бо талаби Саҳмдор ё ихтиёрдори номиналӣ Ҷамъият вазифадор аст, ки ҳуқуқҳои ӯро ба саҳмияҳо бо пешниҳод намудани маълумотнома аз феҳрасти саҳмдорон тасдиқ намояд. Маълумотнома аз феҳраст коғази қимматнок ба ҳисоб намеравад, аммо ҳуҷҷати тасдиқкунандаи соҳибияти шахси дар маълумотнома зикршуда ба саҳмияҳо мебошад.

Маълумотнома бояд чунин маълумотро дар бар гирад:

- ному насаби Саҳмдори ба қайд гирифташуда;
- таърихи тартибдиҳӣ, ки хуқуқи моликиятро ба саҳмияҳо тасдиқ менамояд;
- номи расмии Ҷамъият;
- номи мақомоте, ки Ҷамъиятро ба қайд гирифтааст;
- бақайдгирии давлатии саҳмияҳо дар мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба танзими коғазҳои қимматнок;
- шумораи саҳмияҳое, ки мутааллиқи Саҳмдор аст.

## 8. ТАРТИБИ ТАҚСИМОТИ ФОИДАИ ҶАМЪИЯТ

8.1. Фоидаи Ҷамъият тибқи тартиби муқарарркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Дар масъалаҳои марбут ба тақсими фоидаи соф, ки дар ихтиёри Ҷамъият баъди пардохти андозҳои дахлдор ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет боқӣ мемонад, Ҷамъият дорои мустақилияти пурраи хоҷагӣ мебошад.

8.2. Фоидаи софи Ҷамъият (баъди пардохти андозҳо), ки дар ихтиёри Ҷамъият мемонад ва бо қарори Саҳмдори Ҷамъият ба вай ҳамчун суд (диведенд) дода мешавад, ё ин ки ба дигар мақсадҳо сафарбар карда мешавад.

8.3. Қарор дар бораи додани суд (диведендҳо), ҳаҷми он, таърих ва шакли пардохти он аз ҷониби Саҳмдори Ҷамъият қабул карда мешавад. Ҳаҷми суд (дивиденд) аз ҳаҷми тавсиякардаи Шӯрои нозирони Ҷамъият набояд зиёдтар бошад.

8.4. Суд (диведендҳо) бо пули миллӣ ҳисоб карда шуда, метавонанд ба Саҳмдорон бо асъори хориҷӣ бо риояи талаботҳои қонунгузории арзии Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт карда шаванд.

8.5. Мӯҳлати пардохти суд (диведендҳо) бо қарори Саҳмдор муайян мешаванд. Агар бо қарори Саҳмдор мӯҳлати пардохти суд (диведендҳои) солона муайян нашуда бошад, мӯҳлати пардохти онҳо набояд аз 90 рӯзи қабули қарор дар бораи пардохти суд (дивидендҳои) солона зиёдтар бошад.

8.6. Аз рӯи саҳмияҳои интишоршуда, вале паҳннагашта ва ё аз ҷониби худи Ҷамъият харидоришуда суд (дивидендҳо) дода намешаванд.

8.7. Саҳмдори Ҷамъият ҳуқуқ дорад, ки дар мавриди напардохтани суд (диведендҳо) аз рӯи саҳмияҳо ва ё дар бораи пардохти суд (дивидендҳо) дар ҳаҷми нопурра дар сурати мавҷудияти хатар ба истикрори Ҷамъият ва манфиатҳои кредиторон ва пасандоздоштагон дар ҳолатҳои зерин қарор қабул намояд:

1) агар дар рӯзи қабули чунин қарор Ҷамъият дорои нишонаҳои муфлисшавии бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муфлисшавӣ пешбинишуда бошад ва ё ин нишонаҳо дар натиҷаи пардохти суд (дивидендҳо) аз тарафи Ҷамъият ба миён оянд;
2) агар дар рӯзи қабули чунин қарор арзиши дороиҳои софи Ҷамъият аз сармояи оинномавӣ ва фонди захиравии ӯ камтар бошад, ё ҳаҷми онҳо дар натиҷаи қабули чунин қарор камтар гардад;
3) агар ин амал боиси риоя накардани муқаррароти иқтисодие гардад, ки Бонки миллии Тоҷикистон муайян намудааст;
4) агар ҳадди аққали сармояи оинномавии Ҷамъият, ки Бонки миллии Тоҷикистон муайян намудааст, таъмин нашуда бошад;
5) агар коэффитсенти мутобиқати сармояи Ҷамъият аз ҳадди муайяннамудаи Бонки миллии Тоҷикистон поёнтар бошад;
6) агар ин амал боиси кам гардидани ҳаҷми маблағҳои зарурии захиравие шавад, ки барои пӯшонидани зарари эҳтимолии қарзӣ сафарбар мегарданд;

7) агар ҳаҷми тақсимнашудаи фоида бинобар фаъолияти зараровари Ҷамъият баробар ба сифр ва ё аз он пасттар бошад;
8) агар ҳаҷми сармояи барзиёд (фарқи байни арзиши номиналӣ ва арзиши бозории саҳмияҳо) ва фоидаи тақсимнашуда аз ҳаҷми маблағи саҳмияҳои ба гардиш баровардашудаи Ҷамъият камтар бошад;
9) агар дар давраи сипаришудаи соли равон, соли ҳисоботӣ ва/ё соли аз соли ҳисоботи қаблӣ фаъолияти Ҷамъият зараровар бошад;
10) дар дигар ҳолатҳое, ки қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон муқарар намудаанд.

8.8. Ҷамъият ҳаҷми суд (диведендҳоро) бе назардошти андозҳо муайян месозад. Пардохти суд (диведендҳо) ба Саҳмдор баъди пардохти андози дахлдор сурат мегирад. Аз рӯи суд (дивидендҳои) пардохтнашуда ё гирифтанашуда фоиз ҳисоб карда намешавад.

## 9. ФОНДҲОИ ҶАМЪИЯТ

9.1. Бо мақсади саривақт пӯшонидани зарарҳои вобаста ба фаъолияти Ҷамъият ва харидорӣ намудани саҳмияҳои Ҷамъият, дар сурати набудани воситаҳои дигар Ҷамъият фонди захиравӣ таъсис медиҳад. Фонди захиравӣ аз ҳисоби фоидаи баъди пардохти андозҳо ба буҷет дар ихтиёрбуда ташкил карда мешавад. Ҳаҷми аққали фонди захиравии Ҷамъият аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

9.2. Тартиби ташкил ва тарзи ҳисоби захираҳое, ки Ҷамъият барои пӯшонидани зарари эҳтимолии қарзӣ ва дигар зарарҳо таъсис медиҳад, дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд муайян карда мешавад.

9.3. Бо мақсади ба роҳ мондани назорати пурра ва фаъолияти боэътимоди худ ва бо назардошти доираву миқёси амалиёти хеш, Ҷамъият захираҳои капиталиро тибқи тартиби бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда созмон медиҳад, ки онҳо ба стандартҳои байналмилалии баҳисобгирӣ ҷавобгӯ мебошанд.

9.4. Фондҳои захиравие, ки Ҷамъият ташкил намудааст, барои мақсадҳои дигар истифода бурда намешаванд.

9.5. Ҷамъият ҳуқуқи ташкили дигар захираҳоро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дорад.

## 10. МАҚОМОТИ ИДОРАКУНИИ ҶАМЪИЯТ

10.1. Мақомоти идоракунии Ҷамъият иборат аст аз:
– мақоми олӣ - Саҳмдори Ҷамъият;
– мақоми идоракунӣ - Шӯрои нозирони Ҷамъият;

– маќоми иҷроия – Директори генералии Ҷамъият.

## 11. САҲМДОРИ ҶАМЪИЯТ

11.1. Маќоми олии идоракунии Ҷамъият Саҳмдори он мебошад. Ќарори Саҳмдор якҷониба ќабул шуда, ба тариќи хаттӣ ба расмият дароварда мешавад.

11.2. Ба салоҳияти истисноии Саҳмдори Ҷамъият ҳалли масоили зайл марбут аст:

1) тасдиќ ва (ё) ворид намудани таѓйироту иловаҳо ба Оинномаи Ҷамъият, ё ин ки тасдиќи Оинномаи Ҷамъият дар таҳрири нав;
2) ќабул намудани ќарор дар бобати азнавташкилдиҳӣ ё барҳамдиҳии Ҷамъият, таъйини комиссияи барҳамдиҳӣ, тасдиќи тавозунҳои пешакӣ ва ниҳоӣ;
3) муайян намудани микдор, арзиши номиналӣ, намуд ва шакли саҳмияҳои эълоншуда ва ҳуќуќҳои бо ин саҳмияҳо додашаванда;
4) ќабул намудани ќарорҳо дар мавриди интишори саҳмияҳо, аз ҷумла оид ба шароити паҳнкунӣ, нарх ва мӯҳлати обунашавӣ ба саҳмияҳои Ҷамъият;
5) зиёд кардани ҳаҷми сармояи оинномавии Ҷамъият бо роҳи зиёд намудани арзиши номиналии саҳмияҳо ё ки бо роҳи паҳн намудани саҳмияҳои иловагӣ;
6) паст намудани сармояи оинномавӣ бо роҳи паст кардани арзиши номиналии саҳмияҳо, харидорӣ намудани ќисмате аз онҳо аз ҷониби Ҷамъият бо маќсади маҳдуд кардани шумораи умумии онҳо ва ё пардохти сармояҳои пурра пардохтнашуда дар асоси ќонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин тибќи тартиби муќарраршуда бо роҳи пардохткунии сармояҳои аз тарафи Ҷамъият харидашуда ва ё пардохтшуда;
7) муайян намудани ҳайати Шӯрои нозирони Ҷамъият, тасдиќи низомномаи он, интихоби аъзоён ва ќатъи пеш аз мӯҳлати ваколати онҳо;
8) тасдиќи аудитори мустаќили (берунаи) Ҷамъият, муайян намудани ҳаҷми мукофотпулии он;
9) таъйин намудани роҳбари маќоми иҷроия - Директори генералии Ҷамъият (бо розигии Бонки миллии Тоҷикистон), муайян намудани мӯҳлати ваколати Директори генералии Ҷамъият, пеш аз мӯҳлат ќатъ намудани ваколати он;
10) тасдиќи ҳисоботи фаъолияти солонаи Ҷамъият, ҳисоботи солонаи муҳосибавии Ҷамъият, аз он ҷумла ҳисобот оиди фоида ва зарари (ҳисоби фоидаю зарар) Ҷамъият, ҳамчунин таќсими фоида, аз ҷумла пардохти (эълони) суд (диведендҳо) ва зарари Ҷамъият аз рӯи натиҷаи соли молиявӣ;
11) Ќарор дар бораи маъќул донистани аҳди калон, ки мавзӯи он молу мулки дорои арзиши беш аз 50 фоизи арзиши тавозунии дороии Ҷамъият мебошад, аз ҷониби Маҷлиси умумии саҳмдорон бо аксарияти аз чор се ҳиссаи овози саҳмдорон - соҳибони саҳмияҳои овоздори дар Маҷлиси умумии саҳмдорон иштирокдошта ќабул карда мешавад.
   Дар ќарор оид ба маъќул донистани аҳди калон бояд шахсе, ки тараф (тарафҳо) мебошад, манфиатбаранда (манфиатбарандагон), мавзӯъ, нархи аҳд ё шартҳои дигари моҳиятан муҳими онҳо зикр гарданд.

Агар аҳди калон ҳамзамон аҳде бошад, ки дар анҷом додани он ҳавасмандӣ (манфиат) мавҷуд аст, нисбат ба тартиби анҷом додани он танҳо муқаррароти боби 12 Қонун "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ" татбиқ мегардад.

Аҳди калон, ки бо вайрон кардани талаботи мазкур метавонад бо даъвои Ҷамъият ё саҳмдори дорои на камтар аз 1 фоизи саҳмияҳои овоздори Ҷамъият аз ҷониби суд беэътибор дониста шавад.

Муқаррароти ҳамин модда нисбат ба Ҷамъият, ки аз як саҳмдор иборат буда, ҳамзамон вазифаи мақоми инфиродии иҷроияро анҷом медиҳад, татбиқ намегардад.

харидорӣ намудани саҳмияҳои паҳншуда аз ҷониби Ҷамъият дар мавридҳои бо қонунгузорӣ пешбинишуда;

12) қабули қарор оид ба иштироки Ҷамъият ҳангоми харид намудан ё соҳиб шудани саҳмияҳои (ҳиссаҳои) дигар шахсони ҳуқуқӣ бояд ба андозаи на зиёда аз 10%-и сармояи танзимшавандаи Ҷамъият, тибқи санади меъёрии ҳуқуқии Бонки милии Тоҷикистон оид ба талаботи сармоягузорӣ, муқаррар карда мешавад.

13) тасдиқи ҳуҷҷатҳои барномавии Ҷамъият, мутобики зербанди 1 банди 11.2-1. Оинномаи мазкур;

14) тасдиқ намудани нақшаи солонаи молиявии Ҷамъият;

15) ҳалли дигар масъалаҳое, ки ба салоҳияти истисноии Саҳмдор дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур вогузор шудаанд.

11.2-1.1 Ҳуҷҷатҳои меъёрии Ҷамъият иборат мебошанд аз:

1) Ҳуҷҷатҳои барномавӣ – яке аз ҳуҷҷатҳои махфие, ки ба салоҳияти истисноии Саҳмдор дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур вогузор шудаанд.

2) Ҳуҷҷатҳои умумӣ – ҳуҷҷатҳои стратегии муайянкунандаи тартиби фаъолияти умумии Ҷамъиятро, ки рушди стратегии Ҷамъиятро ҳамаҷониба ё ин ки дар самтҳои алоҳидаи фаъолият, шартҳои умумии гузаронидани амалиётҳои бонкӣ, инчунин дар самтҳои идоракунии сиёсатҳои хавфҳои эҳтимолӣ.

3) ҳуҷҷатҳои махсус – дигар ҳуҷҷатҳои меъёрие, ки хусусияти муфассалро доранд алалхуссус:
   – ҳуҷҷатҳое, ки мавзӯҳои амалиёти маҳсулотҳои гуногуни бонкӣ ва фаъолияти дохилии Ҷамъиятро танзим менамояд;
   – ҳуҷҷатҳое, ки муайянкунандаи тартиби корро ва ҳамоҳангии технологии кормандон ва идораҳои Ҷамъият;
   – ҳучҷҷатҳое, ки муфассалтар татбиқ менамоянд барномахо ва ҳуҷҷатҳои умумиро;
   – кортҳои технологӣ, шаклҳои намунавӣ;

11.3. Масъалаҳое, ки тибқи Оинномаи мазкур ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба салоҳияти истисноии Саҳмдор вогузор шудааст, ба салоҳияти Мақоми иҷроияи Ҷамъият дода намешаванд.

11.4. Саҳмдори Ҷамъият ӯҳдадор аст, ки ҳар сол масоили зерини ба салоҳияти истисноии ӯ мансуббударо баррасӣ ва доир ба онҳо қарорҳои лозима қабул намояд:

1) доир ба тасдиқи ҳисоботҳои солона, ҳисоботи муҳосибавии солонаи Ҷамъият, аз ҷумла ҳисобот доир ба фоида ва зарари (ҳисоби фоидаю зарар) Ҷамъият, ҳамчунин тақсимоти фоида, аз ҷумла пардохти (эълони) суд (диведендҳо) ва зарари Ҷамъият аз рӯи натиҷаи соли молиявӣ.

11.5. Қарорҳо аз рӯи масъалаҳои дар банди 11.4 Оинномаи мазкур нишондодашуда, бояд аз ҷониби Саҳмдор на барвақттар аз 2 моҳ ва на дертар аз 6 моҳи баъди анҷоми соли молиявӣ қабул карда шаванд.

## 12. ШӮРОИ НОЗИРОНИ ҶАМЪИЯТ

12.1. Шӯрои нозирони Ҷамъият роҳбарии умумии Ҷамъиятро ба ғайр аз масъалаҳое, ки ба салоҳияти истисноии Саҳмдор мансубанд, анҷом медиҳад.

12.2. Ба салоҳияти истисноии Шӯрои нозирони Ҷамъият ҳалли масоили зерин вогузошта шудааст:
1) муайян намудани самтҳои афзалиятноки фаъолияти Ҷамъият;
2) таъсис додани Мақоми иҷроияи Ҷамъият;
3) тасдиқи ҳуҷҷатҳои умумии Ҷамъият мутобиқи зермаҳали 2) зербанди 11.2-1. Оинномаи мазкур;
4) муайян (муқаррар) намудани ҳаҷми мукофотпулӣ (шароити музди меҳнат) ва ҷубронпулиҳо ба Роҳбари Мақоми иҷроияи Ҷамъият;
5) назорат аз болои фаъолияти Мақоми иҷроияи Ҷамъият;
6) муайян намудани миқдори кормандони Хадамоти аудити дохила, тасдиқ намудани низомномаи Хадамоти аудити дохила;
7) муайян намудани музди меҳнат ва мукофотпулии кормандони Хадамоти аудити дохила ва мукофотпулӣ;
8) пешниҳод намудани тавсияҳо оид ба ҳаҷми мукофотпулӣ ба аудитории (берунӣ) мустақили Ҷамъият;
9) ташкили филиалҳо, марказҳои хизматрасонии маблағгузории хурд ва таъсиси намояндагиҳои Ҷамъият;
10) тасдиқи сохтори ташкилӣ ва фонди музди меҳнат барои кормандони Ҷамъият;
11) омода намудани тавсияномаҳо доир ба ҳаҷми суд (диведендҳо) аз рӯи саҳмияҳо;
12) аз рӯи зарурат ташкил намудани кумитаҳо барои ҳалли масоили мушаххас аз ҷумлаи аъзоёни худ ва дигар кормандони Ҷамъият;
13) тасдиқи сиёсатҳо, низомномаҳо, қоидаҳо ва дигар санадҳои меъёрии дохилии Ҷамъият;
14) ҳалли дигар масъалаҳое, ки ба салоҳияти Шӯрои нозирони Ҷамъият тибқи Оинномаи мазкур ва Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ“ ва “Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд” вогузор шудаанд;

12.3. Масоиле, ки ба салоҳияти истисноии Шӯрои нозирони Ҷамъият мансубанд, ба салоҳияти Мақоми иҷроияи Ҷамъият дода намешаванд.

12.4. Шӯрои нозирони Ҷамъият ҳуқуқи дахолат намуданро ба фаъолияти ҷории Мақоми иҷроияи Ҷамъият надорад. Аъзоёни Шӯро ҳуқуқи аз номи Ҷамъият амал карданро надоранд.

12.5. Шӯрои нозирони Ҷамъият бо ҳисоботҳои молиявӣ, хулосаҳои (ҳисоботҳои) Хадамоти аудити дохила, маърузаю ҳисобот ва инчунин ҳисоботи аудитори мустақили Ҷамъият то ба баррасии Саҳмдори Ҷамъият пешниҳод шудани онҳо шинос мешавад. Шӯрои нозирони Ҷамъият ҳуқуқи талаб намудани ҳисоботро доир ба ҳама гуна масоили марбут ба фаъолияти Мақоми иҷроияи Ҷамъият дорад.

12.6. Шӯрои нозирони Ҷамъият ҳуқуқи ташкили гурӯҳҳои коршиносонро барои экспертизаи лоиҳаҳо, барномаҳо ва қарорҳои махсусан муҳим дорад. Барои ҳаллу фасли мушкилоти ба миён омада Шӯрои нозирони Ҷамъият метавонад комиссияҳои кории иборат аз аъзоёни Шӯрои нозирони Ҷамъият ва шахсони даъватшударо таъсис диҳад.

12.7. Шӯрои нозирони Ҷамъият аз 5 нафар иборат аст. Ба ҳайати Шӯрои нозирони Ҷамъият метавонанд мутахассисони даъватшудаи дорои малакаи касбӣ дар соҳаҳои иқтисод, молия, сармоягузорӣ ва ҳуқуқ шомил шаванд. Раиси Шӯрои нозирони Ҷамъият наметавонад Роҳбари Мақоми иҷроияи Ҷамъият бошад. Агар шумораи аъзоёни ҳайати Шӯрои нозирони Ҷамъият аз нисфи шумораи бо Оинномаи мазкур пешбинишуда камтар гардад, Саҳмдори Ҷамъият ҳуқуқ дорад шумораи нокифояи аъзоёни Шӯрои нозирони Ҷамъиятро интихоб намояд, ва ё ваколати аъзоёни боқимондаи Шӯрои нозирони Ҷамъиятро пеш аз мӯҳлат қатъ намуда, ҳайати нави Шӯрои нозирони Ҷамъиятро интихоб намояд.

12.8. Аъзоёни Шӯрои нозирони Ҷамъият дар маҷлиси солонаи Саҳмдорони Ҷамъият ба мӯҳлати 4 сол интихоб карда мешаванд. Аъзоёни Шӯрои нозирони Ҷамъият метавонанд аз тарафи Саҳмдори Ҷамъият ба ҳамин мӯҳлат аз нав интихоб гарданд.

12.9. Ваколати аъзои Шӯрои нозирони Ҷамъият бо ташаббуси ӯ ба тариқи огоҳонии хаттии Шӯрои нозирони Ҷамъият ҳар вақт қатъ карда мешавад. Ваколати аъзои Шӯрои нозирони Ҷамъият аз лаҳзаи гирифтани огоҳинома аз тарафи Шӯрои нозирони Ҷамъият қатъёфта ҳисобида мешавад, ба шарте, ки дар огоҳинома мӯҳлати дертар муайян нашуда бошад, ки он наметавонад аз шаш моҳ зиёд бошад ва ин мӯҳлат аз тарафи аксари аъзоёни боқимондаи Шӯрои нозирони Ҷамъият пазируфта шуда бошад.

12.10. Фаъолияти Шӯрои нозирони Ҷамъиятро Раиси Шӯрои Нозирони Ҷамъият роҳбарӣ менамояд. Раиси Шӯрои нозирони Ҷамъият ба тариқи овоздиҳии кушодаи аъзоёни Шӯрои нозирони Ҷамъият аз миёни онҳо бо аксари овозҳои шумораи умумии аъзоёни Шӯрои нозирони Ҷамъият интихоб карда мешавад.

12.11. Раиси Шӯрои нозирони Ҷамъият:

– фаъолияти Шӯрои нозирони Ҷамъиятро ба роҳ мемонад, дар ҷаласаҳои Шӯрои нозирони Ҷамъият раисӣ мекунад;
– ба қарорҳои аз ҷониби Шӯрои нозирони Ҷамъият дар доираи салоҳияташ қабулшуда имзо мегузорад;

– амр, қарор, суратмаҷлисҳои марбут ба фаъолияти Шӯрои нозирони Ҷамъиятро имзо менамояд;

12.12. Дар ҳолати ҳузур надоштани Раиси Шӯрои нозирони Ҷамъият яке аз аъзоёни он масъулияти ӯро бо қарори Шӯрои нозирони Ҷамъият ба дӯш мегирад.

12.13. Ҷаласаҳои Шӯрои нозирони Ҷамъият на камтар як маротиба дар се моҳ баргузор гардида, дар сурати иштироки на камтар аз нисфи аъзоёни Шӯрои Нозирони Ҷамъият ваколатдор ҳисобида мешаванд. Ҳар як аъзои Шӯрои нозирони Ҷамъият агар имкони иштироки бевоситаро дар ҷаласа надошта бошад, метавонад дар он аз тариқи истифодаи алоқаи конфронсии телефонӣ, алоқаи видео, Интернет ва васоити ба ин шабоҳатдоштаи алоқа, ки тавассути он ҳамаи аъзоёни Шӯрои нозирони Ҷамъият метавонанд якдигарро шунаванд, ширкат варзад ва овоз диҳад. Раиси Шӯрои нозирони Ҷамъият тамоми чораҳоро барои таъмини чунин алоқа дар сурати омадани дархости дахлдор мебинад. Агар аъзои Шӯрои нозирони Ҷамъият, ки имкони иштироки бевоситаро дар ҷаласа надорад, инчунин метавонад фикри худро ба тариқи хаттӣ ба Шӯрои нозирони Ҷамъият пешниҳод намояд.

12.14. Ҷаласаи Шӯрои нозирони Ҷамъият аз тарафи Раиси он бо ташаббуси худи ӯ, бо талаби аъзои Шӯрои нозирони Ҷамъият, Хадамоти аудити дохилаи Ҷамъият, Роҳбари мақоми иҷроияи Ҷамъият даъват карда мешавад. Ҳамаи аъзоёни Шӯрои нозирони Ҷамъият дар бораи ҳама гуна ҷаласаи Шӯрои нозирони Ҷамъият на камтар аз 5 рӯз то доир кардани он бояд ба таври хаттӣ огоҳонида шавад. Огоҳинома бояд рӯзномаи ҷаласаи баргузоршавандаро дар бар гирифта, ба он бояд тамоми ҳуҷҷатҳои марбут ба рӯзномаи ҷаласа замима гарданд. Қарорҳо дар ҷаласаҳои Шӯрои нозирони Ҷамъият бо аксарияти овозҳои азъзоёни иштироккунандаи Шӯрои нозирони Ҷамъият қабул карда мешаванд. Ҳар як аъзои Шӯрои нозирони Ҷамъият мутаносибан соҳиби як овоз мебошад. Аз ҷониби яке аз аъзоёни Шӯрои нозирони Ҷамъият ба аъзои дигари он додани овоз манъ аст.

12.15. Дар ҷаласаи Шӯрои нозирони Ҷамъият суратмаҷлис бурда мешавад. Суратмаҷлис бояд на дертар аз 3 рӯзи баъди ҷаласа омода гардад.

Дар суратмаҷлис:

а) ҷой ва вақти гузаронидани ҷаласа;
б) иштирокдорони ҷаласа;
в) рӯзномаи ҷаласа;
г) масъалаҳои ба овоз мондашуда ва натоиҷи овоздиҳӣ зимни онҳо;
д) қарорҳои қабулгашта дарҷ мегарданд.

Ба суратмаҷлис раискунанда ва котиби ҷаласа имзо мегузоранд.

12.16. Ҳама гуна қарорҳои Шӯрои нозирони Ҷамъият метавонанд ба тариқи овоздиҳии ғоибона бе гузаронидани ҷаласа (тариқи пурсиш) қабул карда шаванд. Бюллетени овоздиҳӣ аз ҷониби котиби Шӯрои нозирони Ҷамъият омода ва ба ҳамаи аъзоёни Шӯрои нозирони Ҷамъият фиристода шуда, бояд маълумотро дар бораи номи пурраи Ҷамъият, масъалаи ба овоз мондашуда бо навиштаҷоти “зид“, “тарафдор“ ва “бетараф“, маводи ба аъзоёни Шӯрои

нозирони Ҷамъият барои қабули қарор аз рӯи ин масъалаи зарурӣ (ё тартиби шиносоӣ бо онҳо) ва таърих, вақт ва тартиби пешниҳоди бюллетенҳои пуршуда дар бар гиранд.

12.17. Ҳама гуна қарори Шӯрои нозирони Ҷамъият инчунин метавонад аз ҷониби аъзоёни Шӯрои нозирони Ҷамъият ба имзо расидани ҳуҷҷати ягона қабул карда шавад ва ба шарти бо раъйи якдилонаи ҳамаи аъзоёни Шӯрои нозирони Ҷамъият қабул гаштанаш, он бо қарори дар ҷаласаи Шӯрои нозирони Ҷамъият ё ба тариқи пурсиш қабулшуда эътибори якхела дорад.

## 13. МАҚОМИ ИҶРОИЯИ ҶАМЪИЯТ

13.1. Роҳбарӣ ба фаъолияти ҷории Ҷамъият аз ҷониби мақоми иҷроияи он – Директори генералӣ, ба роҳ монда мешавад.

13.2. Директори генералии Ҷамъият аз тарафи Шӯрои нозирони Ҷамъият таъйин карда мешавад.

13.3. Мӯҳлати ваколати Директори генералӣ се сол мебошад. Директори генералӣ метавонад бемаҳдуд чанд бор аз нав таъйин шавад.

13.4. Директори генералии Ҷамъият корманди Ҷамъият маҳсуб меёбад.

13.5. Директори генералии Ҷамъият бояд ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд", қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат намоянд.

13.6. Ба салоҳияти Директори генералии Ҷамъият масоили роҳбарӣ намудан ба фаъолияти ҷории Ҷамъият ба ғайр аз масоиле, ки ба салоҳияти истисноии Саҳмдори Ҷамъият ва Шӯрои нозирони Ҷамъият мансубанд, тааллуқ доранд.

13.7. Директори генералии Ҷамъият фаъолияти хешро мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд", санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, муқаррароти Оинномаи мазкур, қарорҳои Шӯрои нозирони Ҷамъият, ҳуҷҷатҳои дохилии (низомнома, регламент ё санади дигар) аз ҷониби Саҳмдори Ҷамъият тасдиқшуда, ки дар онҳо вақт ва тартиби гузаронидани ҷаласаҳои он ва инчунин қабули қарорҳо нишон дода шудаанд, ба роҳ мемонад. Директори генералии Ҷамъият дар назди Саҳмдор ва Шӯрои нозирони Ҷамъият ҳисоботдиҳанда ва масъул аст.

13.8. Ҳамасола 60 рӯз қабл аз гузаронидани ҷаласаи Саҳмдори Ҷамъият Мақоми иҷроия бояд ҳисобот, тавозун, ҳисоботи фоидаю зарарро омода намуда, барои тасдиқ ба Саҳмдори Ҷамъият пешниҳод намояд. Ҳисоботи солона, тавозун, ҳисоботи фоидаю зарар бояд аз ҷониби Роҳбари Мақоми иҷроия ва ҳамаи аъзоёни Шӯрои нозирони Ҷамъият имзо гузошта шавад. Дар сурати набудани як ё якчанд имзо, бояд навиштаҷот бо нишондоди сабаби набудани чунин имзо

қайд карда шавад. Баъди гирифтани ин имзоҳо котиби Шӯрои нозирони Ҷамъият ҳуҷҷатҳоро барои тасдиқ ба Саҳмдори Ҷамъият пешниҳод менамояд.

13.9. Ба салоҳияти Роҳбари Мақоми иҷроияи Ҷамъият масъалаҳои зерин мансубанд:
- ташкил ва таъмини иҷрои қарорҳои Саҳмдори Ҷамъият ва Шӯрои нозирони Ҷамъият;
- муайян намудани тартиби ҳамоҳангсозии фаъолияти сохторҳои Ҷамъият;
- ҳалли масоили марбут ба интихоб ва ҷобаҷо намудани кадрҳо;
- ҳалли масъалаи марбут ба музди меҳнат ва дигар мукофотпулии кормандони Ҷамъият.
- тасдиқи ҳуҷҷатҳои махсуси бонкӣ, мутобиқи зермаҳали 3) зербанди 12.2-1 Оинномаи мазкур.

13.9.1. Қарорҳо дар ҷаласаи назди Роҳбари Мақоми иҷроияи Ҷамъият аз тарафи Директори генералии Ҷамъият қабул карда мешаванд.

13.10. Дар ҷаласаи Мақоми иҷроияи Ҷамъият суратмаҷлис бурда мешавад. Он бояд на дертар аз 3 рӯзи баъди ҷаласа омода гардад.

Дар суратмаҷлис:

а) ҷой ва вақти гузаронидани ҷаласа;
б) иштирокдорони ҷаласа;
в) рӯзномаи ҷаласа;
г) қарорҳои қабулгашта дарҷ мегарданд.

Ба суратмаҷлис Директори генералии Ҷамъият ва котиби мақоми иҷроия ва ё шахсони онҳоро ивазкунанда имзо мегузоранд.

13.11. Фаъолияти Мақоми иҷроияи Ҷамъиятро Директори генералии Ҷамъият роҳбарӣ менамояд, ки ӯ аз ҷониби Шӯрои нозирони Ҷамъият таъйин мегардад. Директори генералии Ҷамъият метавонад дар ҷаласаи Шӯрои нозирони Ҷамъият бо овози машваратӣ ширкат варзад.

Директори генералии Ҷамъият:
- ба фаъолияти хоҷагидории Ҷамъият роҳбарӣ менамояд;
- бе ваколатнома аз номи Ҷамъият амал мекунад, манфиатҳои Ҷамъиятро дар ҳамаи мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар муассисаю ташкилотҳо муаррифӣ менамояд;
- сармуҳосиби Ҷамъият тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ, инчунин роҳбар ва сармуҳосиби филиали Ҷамъиятроро бо розигии Бонки миллии Тоҷикистон ба вазифаи роҳбар ва сармуҳосиби филиали Ҷамъият тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ таъйин намояд;
- аз номи Ҷамъият амалҳо содир менамояд, шартномаю қарордодҳоро имзо намуда, фармону дастурҳои барои ҳамаи кормандони Ҷамъият ҳатмиро ирсол менамояд;
- дар доираи ҳаҷми муқарраршудаи музди меҳнат басти ҳайати шахсиро тасдиқ мекунад;
- мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди мукофотонидан ва танбеҳ додани кормандон чораандешӣ мекунад;
- тибқи басти ҳайати шахси кормандони Ҷамъиятро ба кор қабул ва аз он озод менамояд;

– ба Шӯрои нозирони Ҷамъият ва Саҳмдори Ҷамъият зимни салоҳияти худ пешниҳодҳо ирсол медорад;
– дигар амалҳоеро, ки хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии Бонки миллии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур нестанд, иҷро мекунад.

13.12. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои Директори генералии Ҷамъият тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномае, ки ҳар яки онҳо бо Ҷамъият бастаанд, муайян карда мешаванд. Шартнома аз ҷониби Ҷамъият аз тарафи Раиси Шӯрои нозирони Ҷамъият ё шахси аз ҷониби Шӯрои нозирони Ҷамъият ваколатдоршуда ба имзо расонида мешавад.

13.13. Директори генералии Ҷамъият ба саҳеҳият ва дурустии маълумотҳои дар ҳисоботи Ҷамъият дарҷшуда масъул мебошад.

## 14. МАСЪУЛИЯТИ АЪЗОЁНИ МАҚОМОТИ ИДОРАКУНИИ ҶАМЪИЯТ

14.1. Аъзоёни Шӯрои нозирони Ҷамъият, Директори генералии Ҷамъият ҳангоми амалӣ намудани ҳуқуқҳо ва иҷрои ӯҳдадориҳояшон бояд ба манфиати Ҷамъият амал карда, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои худро нисбати Ҷамъият софдилона ва самарабахш иҷро намоянд.

14.2. Аъзоёни Шӯрои нозирони Ҷамъият, Директори генералии Ҷамъият дар мавриди расонидани зарар аз амал (аксуламали) гунаҳкоронаи онҳо дар назди Ҷамъият ҷавобгӯ мебошанд, агар бо қонунгузорӣ асос ва ҳаҷми дигари ҷавобгарӣ муқаррар нашуда бошад. Дар ин маврид он аъзоёни Шӯрои нозирони Ҷамъият ва Мақоми иҷроия, ки муқобили қарорҳое, ки боиси зарари Ҷамъият шудаанд, овоз дода буданд ё дар овоздиҳӣ ширкат надоштанд, ҷавобгӯ нестанд.

14.3. Директори генералии Ҷамъият мутобиқи қонунгузорӣ доир ба дурустии маълумоти марбут ба фаъолияти Ҷамъият ба Саҳмдор, кредиторон ва васоити ахбори омма пешниҳодшуда масъул мебошад.

14.4. Ҳангоми муайян намудани асос ва ҳаҷми ҷавобгарии аъзоёни Шӯрои нозирони Ҷамъият, Директори генералии Ҷамъият бояд шартҳои муқаррарии гардиши соҳибкорӣ ва дигар ҳолатҳои барои кор аҳамиятдошта ба инобат гирифта шаванд.

14.5. Дар ҳолатҳое, ки мутобиқи кисми мазкури Оинннома якчанд нафар ҷавобгаранд масъулияти онҳо дар назди Ҷамъият дастаҷамъӣ мебошад.

14.6. Ҷамъият ё Саҳмдор ҳуқуқ доранд мувофиқи тартиби муқарраргардида нисбати аъзои Шӯрои нозирони Ҷамъият, Директори генералии Ҷамъият доир ба руёнидани товони зарари расонидаи онҳо ба Ҷамъият, дар ҳолатҳои дар банди 14.2 Оинномаи мазкур нишон додашуда ба суд даъво пешниҳод намоянд.

## 15. ШАРТНОМАҲОИ КАЛОНХАҶМ.
## МАНФИАТНОКӢ ДАР МАВРИДИ АЗ ТАРАФИ ҶАМЪИЯТ БАСТАНИ ШАРТНОМАҲО

15.1. Шартномаҳои калонҳаҷм он намуди шартнома ё якчанд шартномаи (аз ҷумла қарз, гарав, замонат) вобаста ба харидорӣ, интизоъ (бегонакунӣ) ва ё имкони интизои (бегонакунии) бавосита ё бевоситаи амволе аз тарафи Ҷамъият ба ҳисоб мераванд, ки арзиши он 25 % ва бештари арзиши тавозуни дороиҳои Ҷамъият, ки аз рӯи ҳисоботи муҳосибавии он дар таърихи ҳисоботи ниҳои муайян карда мешавад, ташкил менамоянд, ба истиснои шартномахое, ки дар ҷараёни фаъолияти хоҷагии рузмарраи Ҷамъият ба мақсади ба тариқи обунашавии (фурӯши) саҳмияҳои Ҷамъият содир карда мешавад. Дар сурати интизоъ (бегонакунӣ) ё ба миён омадани имкони интизои (бегонакунии) амвол арзиши тавозунии дороиҳои Ҷамъият бо арзиши ин амвол, ки аз рӯи ҳисоботи муҳосибавӣ муайян карда мешаванд, муқоиса мешаванд ва ҳангоми хариди амвол - арзиши чунин харидорӣ.

15.2. Шартномаҳои калон бо розигии Саҳмдори Ҷамъият амалӣ мегардад. Дар ҳолате, ки агар шартномаи калон ҳамзамон шартномаест, ки дар он манфиат мавҷуд аст, нисбати он ҳамон муқарароти Оинномаи мазкур татбиқ карда мешаванд, ки тартиби тасдиқи шартномаи боманфиатро ба танзим медароранд. Барои қабули қарор аз ҷониби Шӯрои нозирони Ҷамъият дар бораи тасдиқи шартномаи калон арзиши амволи (хадамоти) интизоъ (бегонакунӣ) ва ё харидоришаванда бо назардошти талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

15.3. Дар қарори ризоят додан ба бастани шартномаи калон бояд тарафҳо, шахсони манфиатбадасторанда, предмет, нархнома ва дигар шароити муҳими он нишон дода шуда бошанд.

15.4. Шартномаи калоне, ки бе риояи талаботҳои марбут ба тартиби содир кардани он сурат гирифтааст, бо даъвои Ҷамъият ё Саҳмдори Ҷамъият ба тариқи судӣ бекор карда хоҳад шуд.

15.5. Шартномае, ки дар он манфиати Директори генералии Ҷамъият ё аъзои Шӯрои нозирони Ҷамъият мавҷуд аст, танҳо баъди ризояти Шӯрои нозирони Ҷамъият бо аксари овозҳои аъзоёни Шӯро, ки дар ин шартнома манфиатдор нестанд, сурат мегирад.
Шахсони дар банди мазкури Оинномa зикр шуда дар мавридҳои бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ" пешбинишуда манфиатдори аз ҷониби Ҷамъият содир шудани шартнома ҳисобида мешаванд.

15.6. Дар ҳолатҳое, ки агар:

1) шумораи аъзоёни Шӯрои нозирони Ҷамъият, ки дар баргузории шартнома манфиатдор нестанд аз кворуме, ки Оинномаи мазкур барои гузаронидани ҷаласаи Шӯрои нозирони Ҷамъият муайян намудааст, кам бошад, ё,
2) ваҷҳи шартнома ва ё якчанд шартномаи ба ҳам алоқаманд амволест, ки арзиши он аз рӯи ҳисоби муҳосибавии Ҷамъият (арзиши пешниҳодшудаи амволи харидашаванда) 2 фоизи арзиши тавозунии дороиҳои Ҷамъият аз рӯи ҳисоботи муҳосибавии ниҳоӣ ва ё зиёда аз онро ташкил намояд, ё
3) шартнома ва ё якчанд шартномаи ба ҳам алоқаманд ба тариқи обунашавӣ паҳн кардани саҳмия, ки зиёда аз 10% саҳмияҳои оддии қаблан аз тарафи Ҷамъият паҳншударо ташкил диҳанд,
4) қарор доир ба баргузории шартномаи боманфиат аз ҷониби Саҳмдори Ҷамъият қабул карда мешавад.

15.7. Шартномаи миёни Ҷамъият ва Саҳмдори он шартномаи боманфиат ҳисобида намешаванд.

15.8. Саҳмдори Ҷамъият метавонад доир ба тасдиқи шартномаҳои Ҷамъият бо шахсони манфиатдор, ки дар оянда дар ҷараёни фаъолияти рузмарраи тиҷоратии Ҷамъият содир гарданд, қарор қабул намояд. Зимни он дар қарори Саҳмдор маблағи ниҳоии содир гаштани ин шартнома бояд муайян гардад.

15.9. Дар қарори доир ба тасдиқи бастани шартномаи боманфиат тарафҳо, шахсони манфиатбадасторанда, предмет, нархнома ва дигар шароити муҳими он бояд нишон дода шуда бошанд.

15.10. Шартномаи боманфиате, ки бе риояи талаботҳои марбут ба тартиби содир кардани он сурат гирифтааст, бо даъвои Ҷамъият ё Саҳмдори Ҷамъият ба тариқи судӣ бекор карда хоҳад шуд. Шахси манфиатдор дар назди Ҷамъият дар доираи ҳаҷми зарари расонидашуда ҷавобгар аст. Дар ҳолатҳое, ки якчанд нафар ҷавобгаранд, масъулияти онҳо дар назди Ҷамъият дастаҷамъӣ мебошад.

## 16. ТАЪМИНИ МАНФИАТҲОИ МУШТАРИЁН

16.1. Ҷамъият нигаҳдории воситаҳои пулӣ, дигар арзишҳои қимматнокеро, ки муштариён ва корреспондентҳояш ба ӯ бовар карда супоридаанд, таъмин менамояд. Маҳфузияти (таъминокии) онҳо бо тамоми амволи манқул ва ғайриманқули Ҷамъият, фондҳои захиравии тибқи қонунгузории бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур таъсисдодашуда ва инчунин чораҳои марбут ба таъмини истикрори вазъи молиявии Ҷамъият ва инҳилолии (барҳамхурии) он мувофиқи тартибе, ки аз ҷониби Бонки Миллии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст, кафолат дода мешаванд.

16.2. Ҷамъият дар ҳама ҳолат омодагии худро ба иҷрои саривакт ва пурраи ӯҳдадориҳои худ бо роҳи танзими сохтори тавозуни худ дар асоси меъёрҳои ҳатмии бо қонунгузорӣ пешбинишуда, таъмин менамояд.

16.3. Ҷамъият вазифадор аст, ки дар асоси тартибу меъёрҳои бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон муқарраргашта, фондҳои захиравӣ таъсис диҳад.

16.4. Воситаҳои пулӣ ва дигар арзишҳои қимматноки шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ки дар суратҳисобҳо, пасандозҳо ва ё ганҷхонаи Ҷамъият қарор доранд, танҳо дар мавридҳо ва бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ҳабс ва ё мусодираи он татбиқ карда шавад.

16.5. Ҷамъият махфияти маълумотҳоеро, ки сирри бонкиро ташкил мекунанд, кафолат медиҳад. Ҳама кормандони Ҷамъият вазифадоранд, ки сирри бонкиро ифшо насозанд.

16.6. Маълумотнома доир ба иттилооте, ки сирри бонкиро ташкил мекунанд, ба шахсони дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд" зикршуда дода мешаванд.

16.7. Шахсони мансабдор, кормандони Ҷамъият ва дигар ашхосе, ки бо тақозои иҷрои вазифаи хидматиашон ба маълумоте, ки сирри бонкиро ташкил медиҳанд дастрас гаштаанд, барои ошкор кардани ин маълумот, ба истисноии ҳолатҳои бо қонунгузорӣ пешбинишуда, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд.

16.8. Тартиби корбарӣ дар Ҷамъият бо маълумотҳое, ки сирри бонкиро ташкил мекунанд ва ҷавобгарӣ барои вайрон кардани тартиби корбарӣ бо онҳоро Мақоми иҷроияи Ҷамъият бо назардошти талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

## 17. БАҲИСОБГИРӢ ВА ҲИСОБОТИ ҶАМЪИЯТ

17.1. Баҳисобгирии муҳосибавӣ, ҳисоботи молиявӣ ва оморӣ, ичунин дигар маълумоту иттилоот мувофиқи тартиб ва қоидаҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон муайян намудаанд, сурат мегирад.

17.2. Ҷамъият ӯҳдадор аст, ки саривакт ба Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар мақомотҳои назораткунанда тавозун, ҳисобот ва дигар маълумоту иттилооти барои тафтиши дурустии ҳисобкунии андозбандӣ ва пардохти андозҳо, назорат ва танзими фаъолияти бонкӣ заруриро дар мӯҳлатҳои аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон муқарраршуда, пешниҳод намояд.

17.3. Ҷамъбасти фаъолияти Ҷамъият дар тавозунҳои моҳона, семоҳа ва солонаи муҳосибавӣ, дар ҳисоботи марбут ба фоидаву зарар, инчунин дар ҳисоботи солонаи ба Бонки миллии Тоҷикистон дар мӯҳлатҳои муқарраркардаи он пешниҳодшаванда нишон дода мешавад.

17.4. Тавозуни муҳосибавии солона ва ҳисобот доир ба фоида ва зарари Ҷамъият баъди тафтиш ва пас аз гузаронидани аудити беруна, ки аз ҷониби Саҳмдор тасдиқ шудааст, дар нашрияҳои чопӣ интишор хоҳанд шуд.

17.5. Соли молиявии Ҷамъият 1 январ оғоз ёфта, 31 декабр анҷом меёбад.

17.6. Ба мақсади амалӣ намудани сиёсати иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва андози давлат, Ҷамъият маҳфузият, ба тартибдарорӣ, нигаҳдории дарозмуддат ва истифодаи (додани маълумот аз рӯи дархости ашхоси ҳуқуқӣ ва воқеӣ) ҳуҷҷатҳои марбут ба ҳайати шахсии худро таъмин менамояд. Тибқи тартиби бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда ҳуҷҷатҳои марбут ба ҳайати шахсии Ҷамъият барои маҳфуздорӣ ба мақомоти давлатӣ супорида мешаванд.
Номгӯи ҳуҷҷатҳо ва мӯҳлати маҳфуздории онҳо тибқи феҳрасти (номгӯи парвандаҳо) муқарраршуда, муайян карда мешаванд.
Нобудкунии ҳуҷҷатҳо танҳо баъд аз тафтиш намудани гузаштани мӯҳлат ва нигоҳдории онҳо ва дар асоси санадҳои тартибдодашуда, сурат мегирад.

17.7. Ҷамъият инчунин вазифадор аст, ки ҳуҷҷатҳои дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ" пешбинишударо маҳфуз дорад. Ҳуҷҷатҳоро Ҷамъият дар макони ҷойгиршавии Мақоми иҷроия мувофиқи тартиб ва дар давоми мӯҳлатҳои бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ" муайяншуда маҳфуз медорад.

## 18. НАЗОРАТ АЗ БОЛОИ ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВИЮ ХОҶАГИИ ҶАМЪИЯТ

18.1. Барои ҳимояи манфиатҳои қонунии Ҷамъият, инчунин мизоҷон ва/ё кредиторони Ҷамъият, таъминоти риоя намудан аз ҷониби ҳамаи сохторҳо ва кормандони Ҷамъият муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, Оинномаи мазкур, низомномаҳо ва қоидаҳои Ҷамъият, дар сохтори Ҷамъият Хадамоти аудити дохила ташкил карда мешавад.

18.2. Хадамоти аудити дохила аз Мақоми иҷроияи Ҷамъият вобастагӣ надорад ва ба Шӯрои Нозирони Ҷамъият ҳисоботдиҳанда мебошад. Хадамоти аудити дохиларо Сараудитори Ҷамъият роҳбарӣ менамояд ва аз ҷониби Шӯрои Нозирони Ҷамъият таъйин мегардад. Сараудитори Ҷамъият бояд ба талаботе, ки ба кормандони роҳбарикунандаи Ҷамъият тибқи Қонун "Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд" пешниҳод мегардад, ҷавобгӯ бошад.

18.3. Хадамоти аудити дохила фаъолияти худро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, Оинномаи мазкур, қарорҳои Саҳмдори Ҷамъият, Шӯрои Нозирони Ҷамъият, низомнома дар бораи Хадамоти аудити дохила ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилаи Ҷамъият амалӣ мегардонад.

18.4. Назорат аз болои фаъолияти молиявию хоҷагии Ҷамъият аз тарафи Хадамоти аудити дохилӣ ба роҳ монда мешавад. Кормандони Хадамоти аудити дохилӣ ҳамзамон аъзои Шӯрои нозирони Ҷамъият ва ё ягон вазифаи дигареро дар Ҷамъият ишғол карда наметавонанд.

18.5. Кормандони Хадамоти аудити дохилӣ барои иҷрои софдилонаи масъулияти ба душашон вогузошта тибқи тартиби муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадоранд.

18.6. Хадамоти аудити дохидӣ дар назди Шӯрои нозирони Ҷамъият амал намуда, дорои вазифаҳои зерин мебошад:

– дида бaромадан ва тавсия додани қабули нақшаи ҳарсолаи аудит, қоида ва баҳисобгирии муҳосибӣ ва идоракунии хавфҳо дар Ҷамъият;
– тавсияҳо оид ба таъин намудани аудити (беруна) мустақили Ҷамъият, пешниҳод менамояд;
– ҳисоботҳои солонаи молиявии аудити (беруна) мустақилро дида мебарояд ва дар бораи камбудиҳои ошкоргардида ба Шӯрои нозирони Ҷамъият то розигӣ додани онҳо ба ҳисоботи молиявӣ хабар менамояд;
– мониторинги мутобиқати фаъолияти Ҷамъиятро бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузаронад ва ба Шӯрои нозирони Ҷамъият иттилооти заруририро пешниҳод менамояд;
– ҳисоботҳои Ҷамъиятро, ки ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод мегарданд дида мебарояд;
– аз рӯи ҳар масъала, ки аз ҷониби Шӯрои нозирони Ҷамъият дар назди ӯ гузошта мешавад ҳисобот пешниҳод менамояд;
– ба Шӯрои нозирон ва Саҳоми Ҷамъият на кам яз як маротиба дар як сол дар бораи фаъолияти худ ҳисобот медиҳад;
– дигар вазифаҳоро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардонад.

18.7. Хадамоти аудити дохилӣ ваколатдор аст, ки аз рӯи масъалаҳои ба ваколати вай дохилшуда қарор қабул намояд.

18.8. Тартиби кори Хадамоти аудити дохилӣ ва салоҳияти он дар низомномаи дар бораи Хадамоти аудити дохилӣ муайян мегардад ва аз тарафи Шӯрои нозирони Ҷамъият тасдиқ карда мешаванд.

18.9. Дар натиҷаи аудити гузаронидаи дохилӣ, пеш омадани хавфи манфиатҳои Ҷамъият ё ба мизоҷни он / ё кредиторон, ё ошкор намудани сӯиистифодаи шахсони мансабдори Ҷамъият, Хадамоти аудити дохилӣ дар ин бора фавран ба Шӯрои нозирони Ҷамъият, инчунин ба Саҳмдори Ҷамъият (агар ташабускори гузаронидани аудити дохила Саҳоми Ҷамъият бошад) иттилоъ медиҳад.

18.10. Натиҷаҳои ҳуҷҷатии ба расмият даровардашудаи аудити дохила барои барассӣ ба Шӯрои нозирони Ҷамъият инчунин ба Саҳмдори Ҷамъият (агар ташаббускори гузаронидани аудити дохила Саҳмдори Ҷамъият бошад) барои андешидани чораҳои зарӯрӣ пешниҳод мегарданд.

18.11. Назорат ва мутобиқатгардонии фаъолияти Ҷамъият аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон бо қувваи кормандони худ ва ё мутахассисони баландтаҷрибаи ҷалб шудаи ташкилоти аудиторӣ амалӣ карда мешавад.

18.12. Барои тафтиш ва тасдиқ намудани ҳисоботи солонаи ҳисоботи молиявии Ҷамъият, Ҷамъият ҳарсола ташкилоти касбии аудиториро, ки бо Ҷамъият ё иштирокчиёни ӯ бо манфиатҳои молӣ алоқаманд намебошад, ки дорои иҷозатнома барои амалӣ гардонидани чунин фаъолият ва ба рӯйхате, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон интишор мешавад дохил гардида бошад, ҷалб менамояд.
Ҷамъият наметавонад, пайдарпай як ташкилоти аудиториро ба мӯҳлати зиёда аз се сол аудитор таъйин намояд.

18.13. Хулосаи аудиторӣ бо тартиби муайяншуда, ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

## 19. ФИЛИАЛҲО, МАРКАЗҲОИ ХИЗМАТРСОНИИ МАБЛАҒГУЗРИИ ХУРД, НАМОЯНДАГИҲО ВА СОХТОРҲОИ ҶАМЪИЯТ

19.1. Мутобиқи тартиби муқарраркардаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд", дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, Ҷамъият дар доираи муқаррароти оиномавиаш ҳуқуқи ташкил намудани филиалҳо, марказҳои хизматрасонии маблағгузории хурд, кушодани намояндагӣ ва дигар сохторҳои ҷудогонаи худро бе таъсиси шахси хуқуқӣ доро мебошад.

19.2. Роҳбарони филиалҳо, марказҳои хизматрасонии маблағгузории хурд, намояндагиҳо ва сохторҳои ҷудогона дар асоси ваколатномае, ки Ҷамъият ба онҳо додааст, амал мекунанд.

## 20. АЗНАВТАШКИЛДИҲӢ ВА БАРҲАМДИҲИИ ҶАМЪИЯТ

20.1. Азнавташкилдиҳии Ҷамъият ба тариқи якҷошавӣ, ҳамроҳшавӣ, тақсимшавӣ, ҷудошавӣ, табдилдиҳии Ҷамъият дар асоси Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд" ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

20.2. Қарор доир ба азнавташкилдиҳии Ҷамъият аз тарафи Саҳмдори Ҷамъият қабул шуда, он тартиб ва мӯҳлати азнавсозиро мутобиқи қонунгузорӣ муайян менамояд.
Ҳангоми азнавсозии Ҷамъият тамоми ҳуҷҷатҳои мӯҳлаташон ба итмом нарасида зимни тартиби муайншуда ба ворисi он супорида мешаванд.

20.3. Барҳамдиҳии Ҷамъият тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» дар ҳолатҳои зерин ба амал бароварда мешавад:

- бо қарори Саҳмдори Ҷамъият;
- бо қарори Суд.

Барҳамдиҳии Ҷамъият боиси қатъ гардидани фаъолият бе гузаштани ҳуқуқу ӯҳдадориҳои он ба ворис мегардад.

20.4. Ҳангоми барҳамдиҳии ихтиёрии Ҷамъият, Саҳмдор бояд қаблан розигии Бонки Миллии Тоҷикистонро гирад.

Баъди гирифтани ризоият, Саҳмдори Ҷамъият комиссияи барҳамдиҳиро таъсис медиҳад ва тартибу мӯҳлати барҳамдиҳиро мутобиқ ба қонунгузории бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санаду меъёрҳои Бонки Миллии Тоҷикистон муайян месозад.

Аз лаҳзаи таъсиси комиссияи барҳамдиҳӣ тамоми ваколатҳои марбут ба идоракунии Ҷамъият ба зиммаи он вогузошта мешавад.

Комисияи барҳамдиҳӣ ваколатҳои худро дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ хоҳад кард.

20.5. Дар сурати барҳамдиҳии Ҷамъият, ҳуҷҷатҳои марбут ба ҳайати шахсӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои мӯҳлати маҳфуздориашон дароз, ки бо санадҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, мувофиқи тартиби бо қонун муқарраршуда барои маҳфуздорӣ ба бойгонии дахлдор супорида мешаванд.

20.6. Ҳуҷҷатҳои дар ҷараёни фаъолияти Ҷамъият пайдошаванда ҳангоми барҳамдиҳӣ ё азнавташкилдиҳии он мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бойгонӣ мавриди маҳфуздорӣ ва истифода қарор хоҳанд гирифт.

## 21. ОГОҲНОМА ВА ДИГАР ХАБАРНОМАҲОИ ҶАМЪИЯТ

21.1. Ҳамаи огоҳиномаҳо ва дигар иттилооти тибқи Оинномаи мазкур зарурӣ ба унвони Саҳмдори Ҷамъият, аъзоёни Шӯрои нозирони Ҷамъият ва Мақоми иҷроияи Ҷамъият ба таври хаттӣ тартиб дода шуда, шахсан, ба воситаи почтаи фармоишӣ, курер (хаткашон), телекс, факс ё почтаи электронӣ расонида мешавад.

21.2. Огоҳинома дастрасшуда ва амалкунанда ҳисобида мешавад:

- дар санаи шахсан, ба воситаи почта ё хадамоти курерӣ (хаткашон) дастрас шудан;
- дар ҳолати аз тариқи телекс, факс ё почтаи электронӣ ирсол гардидани он аз рӯзи дигари баъди рӯзи фиристодан, ба шарти гирифтани тасдиқномаи ирсол шудани ҳуҷҷат бо факс, посухи телекс ва ё номаи электронии гиранда.

21.3. Ҳама намуди огоҳномаҳоро ба Саҳмдор, Ҷамъият ба нишонии дар феҳрасти саҳмдорони Ҷамъият нишон додашудаи он ирсол медорад.

Ҷамъият барои бо сабаби маълум накардани суроғаи нав аз ҷониби Саҳмдор нарасидани огоҳнома ҷавобгӯ нест. Огоҳномаҳо ба аъзоёни Шӯрои нозирони

Ҷамъият, Мақоми иҷроияи Ҷамъият ба ҳамон суроғаи почта, рақами факс/телекс/суроғаи почтаи электронӣ ирсол мегардад, ки нисбати ин гуна аъзо дар ҳуҷҷатҳои Ҷамъият сабт шудаанд. Бо ин мақсад ҳар як аъзои Шӯрои нозирони Ҷамъият, Мақоми иҷроияи Ҷамъият ё комиссияи тафтишотӣ ӯҳдадоранд, ки ба Ҷамъият суроға, рақами факс/телекс/суроғаи почтаи электронии худро хабар диҳанд ва ҳангоми тағйир ёфтани онҳо дар муддати се рӯз Ҷамъиятро дар ин бора огоҳ намоянд.

## 22. ВОРИД СОХТАНИ ТАЪҒЙИРОТУ ИЛОВАҲО БА ОИННОМА. ТАЪҒЙИРОТ ДАР ҲАЙАТИ МАҚОМОТИ ҶАМЪИЯТ

22.1. Тамоми тағйироту иловаҳо ба Оинномаи мазкур, танҳо дар он сурат дуруст мебошанд, ки онҳо ба таври дахлдор аз ҷониби Саҳмдори Ҷамъият тасдиқ гардидаанд ва ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф намебошанд.

22.2. Кормандони роҳбарикунандаи Ҷамъият ба вазифа пас аз гирифтани розигии Бонки миллии Тоҷикистон таъйин карда мешаванд.

22.3. Таъғйироту иловаҳо ба Оинномаи Ҷамъият аз қайди давлатӣ бо тартиб ва шартҳои дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" гузаронида мешавад.

## 23. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

23.1. Ҳуқуқҳои Ҷамъият ба моликияти зеҳнӣ, аз ҷумла ба номи фирмавӣ ва нишони молӣ тибқи қонунгузории ҷорӣ ва шартномаҳои байналхалқӣ ҳимоя хоҳанд шуд.

23.2. Оинномаи мазкур баъди аз ҷониби Саҳмдори Ҷамъият тасдиқ шудан, эътибор пайдо мекунад.

Тасдиқ мекунам:
Китоби мазкур бо 26 саҳифа саҳифабандӣ карда шудааст ва бо мӯҳр тасдиқ карда шудааст.
Директори генералӣ
Убайдов Ф. Р. ________________
“03” тойги ________________ 2023с.